# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Ҷиёнзода Зулфия дар мавзуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) - шаҳри Душанбе, 2026 с. 176 с.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла: банди 1 - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ»; банди 4 - «Сифати ташкили ҷорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мувофиқ мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.**

Замони ҷаҳонишавӣ дар баробари зарурияти пешрафти ҷамъият, рушди илму маорифро низ талаб мекунад. Имрӯз барои пешравии соҳа ва барои ташкили низоми таҳсилоти ҷавобгӯи талаби замон, гузаронидани таҳқиқоти дархӯрди замон, татбиқи равандҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълим шароити мусоиду босамар фароҳам оварда мешавад.

Принсипҳои ташкили фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дорои хусусиятҳои хос мебошанд ва ин хусусиятҳо бо сатҳи баланди мустақилият, худидоракунӣ, ангезаҳои касбӣ ва масъулияти баланд алоқаманд буда, талаб менамоянд, ки равишҳои педагогӣ мутобиқ ба ин вижагиҳо тарҳрезӣ ва татбиқ гарданд. Бо назардошти талаботи рӯзафзуни ҷомеаи муосир, зарурати таъмини суботи иҷтимоӣ, ҳамбастагии шаҳрвандӣ ва рушди устувори кишвар, муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд ба ташаккули шахсияти донишҷӯён равона карда шаванд. Донишҷӯён бояд дорои сифатҳои иҷтимоӣ, фарҳанги шаҳрвандӣ, масъулиятшиносӣ, қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбанда, ба азхудкунии намунаи башардӯстона нигаронида шуда, барои дастёбӣ ба сифати нави таълим, рақобатпазирӣ, рушди устувори инсон ва ҷомеа, тарбияи таҳаммулпазирӣ, масъулият ва омодагӣ ба иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ бошанд.

Бо такя ба таҳқиқоти олимони соҳа ва баҳрабардорӣ аз арзишҳо ва муқаддасоти миллию умумибашарӣ паҳлуҳои мухталифи тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ва шуурнокии миллиии донишҷӯёнро омухта шуда, комёбиҳои назаррасе дар ба даст овардаанд, ки дар ташаккули фарҳанги инноватсионии онҳо мусоидат менамояд.

Аз ин лиҳоз, мавзуи таҳқиқотии интихобнамудаи Ҷиёнзода Зулфия дар мавзуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мубрам ва саривақтӣ мебошад.

**Дараҷаи асоснокнокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳо**

Бояд қайд кард, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дигар санадҳои меъёриро дар бар гирифта, унвонҷӯ Ҷиёнода Зулфия амалӣ гардидани ҳадафҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мазкур, шаклу усул ва роҳҳои баланд бардоштани шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ, тарғибу ташвиқи одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар робита бо муассисаҳои таълимӣ ва аҳли ҷомеа таҳқиқ намудааст.

Мавқеи муаллифи диссертатсия дар ҷустуҷӯи роҳу усулҳои мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ифода ёфта, масъалаҳои мубрамии баланд бардоштани сатҳи маърифати иҷтимоӣ ва фарҳангии иҷтимоии донишҷӯён дар осори файласуфон ва мутахассисони хориҷӣ Е.В. Бондаревская, В.П. Беспалко, В.И. Загвязинский, Э.Ф. Зеер, В.В. Сериков, В.А. Сластенин, Э.Ф. Зеер, И.В. Жижина, М.Н. Дудина, Р.В. Овчарова, О.Н. Шахматова; истифодаи технологияҳои инноватсионии дидактикӣ дар амалияии таҳсилотӣ В.И. Долгова, А.П. Панфилова, Г.К. Селевко ва дигарон, олимони ватанӣ М. Лутфуллозода ва А. Нуров дар таҳқиқоти худ доир ба масъалаҳои педагогикаи миллӣ, Ф. Шарифзода тарбияи сифатҳои ахлоқии хонандагон дар раванди дарс, И.Х. Каримова масъалаҳои инсонгароии таълиму тарбияи хонандагону донишҷӯёнро дар раванди таълим таҳқиқ намуда, оид ба тарбияи инсони комил тавсияҳои судмандро пешниҳод намудаанд.

Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки дастгоҳи илмии кори таҳқиқотии худро мувофиқ ба мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотӣ банду баст намуда, нуктаҳои назариявию амалии бо ҳамдигар мантиқан алоқамандро омӯзад ва амалӣ гардонад. Маълум аст, ки таҳқиқи паҳлуҳои илмӣ, методологӣ ва арзишҳои педагогии фарҳанги халқи тоҷик баъди соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон зиёдтар мавриди таваҷҷуҳи пажӯҳишгарон қарор гирифт, ки ин дар таҳқиқоти мазкур низ махсус мавриди таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Ин ба муҳаққиқ имконият додааст, ки дар раванди таҳқиқот ба масъалаи мавриди назар аз дидгоҳи иҷтимоӣ, яъне ҷабҳаҳои психологӣ-педагогии он, ягонагии мақсадноки тарбиявӣ нигариста, ҳиссиёт, шуур ва рафтори донишҷуёнро дар робитаи байниҳамдигарӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор диҳад. Ҳангоми коркард ва баррасии фарзияи таҳқиқот, нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда, ҷанбаҳои фалсафӣ-таърихӣ ва шароити психологӣ-педагогии раванди иҷтимоишавии донишҷӯён таъкид гардида, хусусиятҳои психологию инкишофи тафаккури донишҷӯён ба ҳисоб гирифта шудаанд.

**Навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада** чунин нуктаҳои арзишмандро инъикос менамояд, ки дар заминаи омӯзишу таҳлили назариявии равандҳои мубрамсозии шахсиятии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ арзёбӣ гардида, асосҳои методологии он муайян шудаанд. Асосҳои педагогии хислатҳои шахсиятии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ошкор ва муайян карда шудаанд. Инчунин консепсияи идоракунии педагогии фаъолияти донишҷӯён ҳамчун барандагони инноватсия дар асоси назарияи мубрамсозии шахсият таҳия шудааст. Меъёри арзёбии донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ, ки барои муайян кардани дараҷаи омодагии онҳо ба қабул ва эҷоди навовариҳо пешбинӣ шудааст аз ҷониби муаллиф коркард шудааст.

Дар таҳияи амсилаи назариявию амалии мушаххасгардонии шахсияти донишҷӯён муаллиф исбот намудааст, ки минбаъд татбиқи чунин роҳу усулро аз тарафи омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, метавонад ҳамчун воситаи методологӣ барои арзёбӣ ва такмили фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода шавад.

Методҳои назариявию амалии интихобгардида ва истифодашуда ба муаллиф имконият додаанд, ки дар раванди пажӯҳиш ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардида, роҳҳои амалӣ гардидани мақсаду вазифаҳо, хулосаи илмӣ, тавсияҳои методиро барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотию волидон коркард ва пешниҳод намояд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар таҳқиқот дар асоси омилҳои беруниву дохилӣ амсила ва консепсияи педагогии рушди донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ таҳия шудааст. Муаллиф мафҳумҳои калидии соҳаро дақиқ карда, хислатҳои асосии шахсияти донишҷӯён, аз ҷумла эҷодкорӣ, масъулият ва омодагӣ ба навовариҳоро муайян намудааст. Инчунин, меъёри се сатҳаи арзёбӣ коркард шудааст, ки барои ба таври объективӣ баҳо додани салоҳияти инноватсионии донишҷӯён ва такмили раванди таълим хидмат мекунад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти илмӣ.** Тавсияҳои методологии таҳияшуда (шаклҳо, усул ва воситаҳои истифодаи дониш ва малакаи илмӣ) такмили ҷараёни таълим, фаъолияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони инноватсия дар асоси назарияи мубрамсозии шахсият ва баланд бардоштани сатҳи сифати корҳои таълимии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъмин менамоянд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ муҳим мебошанд.

Бинобар ин, таҳқиқот оид ба масъалаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар шароити муосир муҳим буда, метавонанд ҳамчун замина барои таҳқиқоти сотсиологӣ, фарҳангшиносӣ, психологӣ, иҷрои вазифаҳои тарбиявӣ ва ташаккули ҳиссиёт, тасаввурот, фаъолияти таълимӣ ба таври маҷмуӣ хидмат кунанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ** аз мавқеи методологию иҷтимоии кори таҳқиқотӣ, интихоб ва таҳлилу баррасии зарурату имконияти мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар шароити муосир ҳосил мегардад. Бинобар ин, муҳаққиқ бо истифода аз методҳои назариявию таҷрибавӣ дар шароити муосири иҷтимоию педагогӣ мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсиониро амалӣ гардонида, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намудааст.

**Саҳми шахсии довталаби илмӣ дар таҳқиқот** дар самтҳои зерин ифода гардидааст: асосноккунии назариявӣ ва амалии масъалаи таҳқиқшаванда аз нигоҳи фалсафӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ. Муҳаққиқ дар рафти иҷрои кори таҳқиқотӣ ба ҷанбаҳои илмию педагогӣ такя намуда, имконияти онҳоро ҳамчун омили созанда дар шароити муосири иҷтимоӣ-педагогӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои такризшавандаи илмӣ.** Аз ҷониби унвонҷу дар маҷаллаҳои такризшавандаи илмии аз

ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда дар 5 мақола ва дар дигар нашрияҳо 5 мақола интишор гардидааст. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввари кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҷаласаҳои кафедраи омӯзгории коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, дар таҳияи барномаҳои таҷрибаомӯзии донишҷӯён иҷроа гардидаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса оид ба ҳар як боб, хулосаи умумӣ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия оид ба зарурати таҳқиқи масъала, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ ва сарчашмаи маълумот, навгониҳо ва аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, фарзия ва нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда, истифодаи заминаҳои эмперикӣ маълумот додааст.

**Боби якум «Асосҳои назариявӣ-методологии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ»** масъалаҳои анъана ва инноватсияҳоро дар фарҳанг, маориф ва технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун падидаи фарҳанг ва маориф таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Дар боби мазкур қайд гардидааст, ки фарҳанг на танҳо зуҳуроти мураккаби иҷтимоӣ аст, балки омили муҳими рушди ҷомеа, фарҳанг ва инсон мебошад. Муассисаи таҳсилоти олӣ ҳамчун фазои ҳамгирои таълимӣ, тарбиявӣ ва иҷтимоӣ тавсиф меёбад, ки дар он донишҷӯ дар ҷараёни омӯзиш, фаъолияти берунасинфӣ ва ҳамкории иҷтимоӣ таҷрибаи зиндагии шаҳрвандӣ ва шахсияти худро ташаккул медиҳад.

Дар раванди шиносоӣ бо фарҳанг аз тариқи таҳсилот шахсият тағйир ёфта, ҳадафҳояш бо ҳадафҳои ҳаёти ҷомеа зич алоқаманд мегарданд. Ин чунин маъно дорад, ки мақсаду вазифаи таҳсилот ташаккули як фард ба шахси фарҳангӣ тавассути ошноӣ пайдо кардан бо арзишҳои фарҳангии илм, санъат, ахлоқ, қонун ва иқтисодиёт ифода меёбад.

**Боби дуюм «Муайян намудани шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомиёни фарҳанги инноватсионӣ»** дастгоҳи илмии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ пешниҳод шуда, ғояи асосии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Дар раванди таҳқиқи мавзуъ унвонҷу тавонистааст, ки диалектикаи анъана ва инноватсия дар фарҳанг ва маориф, ҷойгоҳи технологияҳои инноватсионӣ дар мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ муайян кунад ва мафҳумҳои калидӣ аз қабили «диалектикаи анъанаҳо ва инноватсияҳо», «фарҳанги инноватсионӣ», «принсипи фарҳангмувофиқӣ», «шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» ва ғайраро тавсиф намояд.

**Дар боби сеюм «Татбиқи консепсияи идоракунии педагогии ташаккули мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ»** масъалаи натиҷаҳои таҳқиқот ба санҷиши самаранокии шароити педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ ва натиҷагирӣ шудааст.

Муҳаққиқ дар ин боб меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди хислатҳои шахсиятии донишҷӯён, ҳолати ибтидоии мубрамсозии шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ муайян намудааст. Дар ҷараёни баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муаллиф сатҳҳои раванди мубрамсозии шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ аз ҷиҳати илмӣ ошкор ва асоснок намудааст.

Дар боби мазкур ҷараёни озмоишӣ ба тартиби татбиқи амсилаи таҳияшуда ва методикаи пешниҳодшуда асос ёфта, самаранокии он дар ташаккули мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст.

Истифодаи фарҳанги инноватсионӣ на танҳо ба истифодаи технологияҳои нав, балки ба тағйири намунаи таълим равона шудааст. Ин намуна бояд ба рушди тафаккури интиқодӣ, қобилияти таҳлил ва синтези иттилоот, инчунин эҷодкорӣ ва инноватсияҳо мусоидат кунад. Истифодаи усулҳои таълими фаъол, аз қабили лоиҳаҳо, муҳокимаҳои гурӯҳӣ, омӯзиши ҳолатӣ ва ғайра имкон медиҳад, ки донишҷӯён дар раванди таълим фаъолона иштирок кунанд ва донишҳои худро дар амалия татбиқ намоянд.

Муҳаққиқ бо риояи методологияи таҳқиқоти илмӣ, корбурди таҳқиқоти илмии фалсафӣ, иҷтимоӣ, психологӣ, педагогӣ, такя намудан ба заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фарҳанги инноватсионӣ, истифодаи мақсадноки маҷмуи методҳои самарабахши таҳқиқотӣ, ки онҳо иҷрои мақсад, вазифа, фарзияи илмӣ ва мантиқии гуногунпаҳлуи (иҷтимоӣ, психологӣ, педагогӣ) масъалаи таҳқиқотӣ мувофиқ мебошад, таҳлили мафҳумҳои калидии хоси мавзуи таҳқиқотиро ба роҳ мондааст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлили мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, фарзия, предмет, вазифа ва мантиқи таҳққот мувофиқанд, мувофиқ карда шуданд. Илова бар ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаи маводи конференсияҳо дар шакли мақола ва фишурдаҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Бо назардошти натиҷаҳои таҳқиқот унвонҷӯй маҷмуи хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои методиро ҷиҳати тақвият бахшидан ба раванди мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ пешниҳод намудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории кори диссертатсионӣ** ба талаботи КОА ба таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферاتҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқат менамояд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи зарурӣ таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва доир ба моҳияти таҳқиқотии гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф тасаввуроти аниқро бозгӯ мекунад. Инчунин, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб, ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳу фаҳмо бароварда шудааст.

**Эродҳо ба рисолаи илмӣ ва фишурдаи он**

Бо баробари арзёбӣ намудани дастовардҳои илмии таҳқиқоти мазкур, дар диссертатсия ва автореферати он ба як қатор камбудиҳо роҳ дода шудааст, ки баҳисобгирӣ ва бартарафсозии онҳо дар такмилу давомдиҳии минбаъдаи кори илмӣ ба муҳаққиқ мадад хоҳад расонд. Аз ҷумла:

1. Дар таҳқиқот ба таҳлили амиқи Барномаи давлатии рушди илмию инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 аҳамият дода мешуд, арзиши илмии корро бештар менамуд. Агар дар ин бобат довталаби дараҷаи илмӣ фикру ақидаи худро иброз медошт, ба мақсади гузоштааш бештар ноил мегардид.

2. Хуб мешуд, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, сомонаҳои интернетӣ оид ба мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ,

таъсири ин расонаҳо ба шуур ва худшиносии аҳли ҷомеа таҳлилу баррасӣ мешуд, аҳамияти амалии таҳқиқот бештар мегардид.

3. Ба мавриد мебуд, агар муҳаққиқ оид ба масъалаи мавриди назар зиёдтар аз таҳқиқоти олимони ватанӣ бештар истифода менамуданд.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоию техникӣ роҳ ёфтаанд, ки онҳо ба таҳриру ислоҳ ниёз доранд.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намегардонад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст.

Кори таҳқиқотии Ҷиёнзода Зулфия дар мавзуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) кори таҳқиқотии мустақилона иҷрошуда ва анҷомёфта буда, аз рӯйи сохтор тибқи талабот ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ барои ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ омода гардидааст.

Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштaшуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

Адабиёти истифодашуда ба мавзуъ ва масъалаи таҳқиқотӣ мантиқан робита доранд. Мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ихтисоси интихобшуда мутобиқат менамояд.

Автореферат мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунад.

Интишороти муҳаққиқ, ки дар саҳифаҳои нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастури таълимӣ-методӣ, маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд, ба мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ мувофиқат менамоянд.

## ХУЛОСА

1. Диссертатсияи Ҷиёнзода Зулфия дар мавзуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун барандагони фарҳанги инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) кори ба анҷомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Кори диссертатсионӣ ба талаботи пешниҳоднамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ва таҳрири нави он аз 26.06.2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

3. Муаллифи таҳқиқот Ҷиёнзода Зулфия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович

22.06.2026с.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд,
кӯчаи Камоли Хуҷандӣ, бинои 146, ҳуҷраи 5.
Тел.: +992 92 771 78 70.
Почтаи электронӣ: sharofzod1954@mail.ru.

Имзои Шаропов Ш.А.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков, 1; Тел.+992 (992-3422) 6-52-73;
Почтаи электронӣ: ittiloothgu@mail.ru

22.06.2026с.